БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • ИЮН 2026

**Дар моҳи июни соли 2026 сатҳи таваррум[1] -0,1 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта бетағйир мебошад.**

### Таваррми хӯроквори

Дар моҳи баррасишаванда пастравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи маҳсулоти хӯроквории -0,3 фоиз (саҳм дар таваррум -0,2 б.ф.) ба амал омад, ки ҷамъоварии ҳосили фаровон ва зиёд гардидани пешниҳоди маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ба он мусоидат намуд. Дар сохтори маҳсулоти хӯроквории дар моҳи мазкур асосан коҳишёбии нархи қаламфури булғорӣ 28,9 фоиз, помидор 28,3 фоиз, бодиринг 9,2 фоиз, карам 8,3 фоиз, себ 6,3 фоиз, картошка 5,4 фоиз, тухм 4,9 фоиз, банан 3,8 фоиз, маҳсулоти ширӣ 2,6 фоиз, харбуза 2,5 фоиз, шакар 2,0 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

### Таварруми ғайрихӯрокворӣ

Нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, 0,2 фоиз (саҳм дар таваррум 0,1 б.ф.) раванди болоравӣ дошт. Афзоишёбии мазкур асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи сӯзишвории дизелӣ 6,6 фоиз, бензин (АИ 92) 5,5 фоиз, маводи доруворӣ 3,3 фоиз, гази моеъ 1,9 фоиз, маводи шустушӯӣ 0,8 фоиз, маҳлулкунанда (атсетон) 0,7 фоиз, равғани муҳаррик 0,6 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Ҳамзамон, дар моҳи мазкур пастравии баъзе аз молҳои ғайрихӯрокворӣ, аз ҷумла семент 15,2 фоиз ва ангишт 2,4 фоиз ба қайд гирифта шуд.

### Таварруми хизматрасонӣ

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ, ки ба аҳолӣ расонида мешавад, дар моҳи баррасишаванда тамоюли болоравӣ дошта, (бо саҳми ночиз) 0,2 фоизро ташкил намуд. Аз ҷумла, болоравии нархи хизматрасониҳои нақлиёт 0,3 фоиз

**Таварруми моҳона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррум аз рӯи саҳм солона, бо фоиз**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таварруми солона ва ҳадафи он бо фоиз**
(манбаъ: Агентиии омор ва Бонки миллии Тоҷикистон)



(боркашонӣ 2,6 фоиз), маишӣ 0,3 фоиз ва манзилию коммуналӣ 0,3 фоиз ба амал омад.

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи июни соли 2026, дар ҳудуди поёнии нишондиҳандаи мақсаднок (5%±2 банди фоизӣ) қарор дошта, 4,1 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,5 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар моҳи июни соли 2026 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 32,1 фоиз, Қазоқистон 10,3 фоиз, Ӯзбекистон 6,4 фоиз, Гурҷистон 5,8 фоиз ва Арманистон 5,1 фоизро ташкил медиҳад.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи июни соли ҷорӣ 0,2 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад ба 3,0 фоиз баробар гардид.

**Бо мақсади дар доираи ҳадафи муқарраршуда, нигоҳ доштани сатҳи таваррум Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзиро бо истифода аз воситаҳои монетарӣ идома хоҳад дод.**

**Таварруми моҳи дар моҳи июн дар кишварҳои шарикони асосии савдо ва минтақа бо фоиз**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумй солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2024 | | | | 2025 | | | | | 2026 | | | | | | Июн, тағйирёбии моҳона бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Март | Июн | Сен | Дек | Март | Июн | Июл | Сен | Дек | Янв | Фев | Март | Апрел | Май | Июн | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100** | **3,6** | **3,5** | **3,1** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **3,4** | **2,8** | **3,5** | **3,6** | **3,6** | **3,4** | **3,6** | **4,1** | **4,1** | **-0,1** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **52,0** | **1,8** | **1,5** | **0,6** | **2,5** | **3,1** | **4,1** | **4,5** | **3,1** | **4,4** | **4,4** | **4,6** | **4,0** | **4,3** | **4,6** | **4,2** | **-0,3** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,5 | 7,6 | 6,0 | -0,1 | -1,2 | -3,2 | -5,7 | -5,1 | -3,0 | 0,4 | 0,9 | 1,3 | 3,3 | 4,2 | 5,6 | 6,6 | 0,7 |
| Биринҷ | 2,6 | 36,6 | 8,8 | 6,2 | 9,3 | 5,1 | 0,7 | -0,8 | -2,6 | -3,9 | -7,1 | -8,2 | -10,1 | -10,7 | -10,4 | -10,8 | 0,0 |
| Орд | 4,1 | -2,2 | 6,8 | -5,5 | -8,9 | -11,0 | -13,2 | -13,0 | -13,1 | -11,5 | -7,9 | -6,3 | -4,2 | -2,9 | -0,4 | 0,4 | 0,2 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,6 | 6,0 | 7,1 | 12,5 | 16,6 | 15,6 | 15,1 | 14,1 | 13,8 | 10,9 | 11,6 | 11,0 | 9,6 | 8,6 | 8,4 | 6,4 | 0,6 |
| Гӯшти гов | 3,5 | 9,0 | 11,2 | 20,1 | 28,5 | 24,7 | 25,0 | 23,2 | 20,8 | 14,4 | 14,9 | 14,0 | 12,1 | 11,1 | 9,9 | 6,8 | 1,1 |
| Тухм | 1,9 | -21,9 | -26,9 | -9,2 | 5,8 | 10,1 | 22,1 | 26,0 | 7,7 | 6,0 | 1,0 | 4,5 | -2,6 | 0,2 | 4,7 | -3,6 | -4,9 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,3 | 7,9 | 10,0 | 9,7 | 5,5 | 5,6 | 4,2 | 3,8 | 6,3 | 5,4 | 5,5 | 2,8 | 3,5 | 4,4 | 4,2 | -0,5 |
| Шир | 0,8 | 0,1 | 4,0 | 13,0 | 5,8 | 9,3 | 10,5 | 11,1 | 5,3 | 10,6 | 9,4 | 8,7 | 2,4 | 2,2 | 3,9 | 2,8 | -2,2 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,3 | -21,7 | -3,3 | 0,1 | 15,8 | 14,4 | 15,0 | 12,2 | 11,1 | 3,6 | 4,7 | 4,2 | 4,3 | 3,1 | 1,3 | 2,0 | 0,7 |
| Меваҷот | 3,3 | 28,2 | 23,1 | 0,3 | -9,7 | -7,4 | -15,4 | -10,3 | -2,7 | 7,3 | 10,4 | 10,5 | 8,9 | 13,2 | 16,4 | 25,3 | 1,5 |
| Сабзавот | 6,9 | -13,8 | -13,4 | -11,9 | -2,4 | 7,4 | 24,1 | 23,2 | 8,1 | 9,8 | 6,7 | 4,7 | 0,0 | -1,8 | -6,4 | -9,2 | -3,1 |
| Шакар | 1,3 | 32,9 | -0,8 | -1,4 | -9,5 | -9,7 | -8,1 | -8,8 | -9,4 | -8,2 | -5,8 | -6,3 | -3,2 | 5,0 | 6,0 | 4,9 | -2,0 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | -8,1 | -8,2 | -0,5 | -3,5 | 0,7 | 0,9 | 0,2 | 0,9 | 2,8 | 3,4 | 3,7 | 4,0 | 4,8 | 6,4 | 0,5 | -5,4 |
| Хӯроки умумӣ** | 1,1 | 9,0 | 6,3 | 6,3 | 10,9 | 5,9 | 13,1 | 13,7 | 14,6 | 8,9 | 8,8 | 6,8 | 8,1 | 9,3 | 6,6 | 4,2 | 0,0 |
| Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку | 0,7 | 3,0 | 4,5 | 5,7 | 9,4 | 9,4 | 7,9 | 5,7 | 5,5 | 1,8 | 1,6 | 0,8 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,0 |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **36,1** | **6,0** | **5,3** | **5,5** | **4,0** | **3,7** | **2,3** | **1,7** | **1,0** | **1,5** | **1,9** | **1,1** | **1,2** | **1,6** | **2,8** | **3,2** | **0,2** |
| Либос ва пойафзол | 13,0 | 5,1 | 4,1 | 1,8 | 1,4 | 2,2 | 1,4 | 1,8 | 3,2 | 3,3 | 3,3 | 3,2 | 2,8 | 3,4 | 4,5 | 4,3 | 0,2 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 2,9 | 7,4 | 4,6 | 4,0 | 4,1 | 0,8 | 0,1 | 0,6 | 1,6 | 1,4 | 1,4 | 0,2 | 1,3 | 1,3 | 4,3 | 1,3 | -2,8 |
| Маводи шустушӯй | 1,0 | -1,3 | -1,1 | 2,6 | 1,5 | -1,9 | -2,6 | -1,8 | 2,7 | 4,1 | 4,1 | 4,1 | 5,4 | 5,5 | 5,5 | 6,4 | 0,8 |
| Доруворӣ | 0,8 | 11,8 | 9,6 | 10,5 | 7,6 | 7,2 | 2,9 | 2,9 | 1,4 | -0,3 | -0,5 | -4,2 | -3,4 | -3,3 | -3,3 | -0,1 | 3,3 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,5 | 23,6 | 12,8 | 6,5 | 1,0 | -0,1 | -3,6 | -13,4 | -20,0 | -14,4 | -6,8 | -7,9 | -9,8 | -2,6 | 7,6 | 18,9 | 3,5 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 3,7 | 12,5 | 15,1 | 17,0 | 6,8 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 2,6 | 2,7 | 0,4 | 0,4 | 0,8 | 0,8 | -0,3 | -1,2 |
| Васоити нақлиёт | 2,6 | 12,7 | 12,1 | -0,8 | -0,3 | -0,3 | 0,5 | 1,7 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 2,1 | 3,4 | 4,3 | 2,6 | 2,7 | 1,5 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,5 | 1,8 | 1,6 | 1,4 | 2,4 | 2,4 | 6,0 | 3,4 |
| **Хизматрасониҳо** | **12,4** | **4,6** | **5,6** | **5,4** | **4,8** | **3,3** | **4,2** | **4,1** | **5,3** | **5,7** | **5,2** | **7,3** | **7,3** | **5,5** | **5,5** | **6,0** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 9,6 | 8,7 | 8,5 | 7,8 | 2,1 | 7,8 | 6,7 | 10,1 | 10,9 | 10,8 | 17,7 | 18,5 | 12,1 | 12,7 | 14,3 | 0,3 |
| Иҷорапулии манзил | 0,8 | 2,2 | 3,3 | 3,5 | 4,9 | 7,9 | 6,8 | 6,8 | 6,7 | 5,5 | 2,0 | 1,0 | 0,8 | 0,8 | 0,9 | 0,8 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,5 | 1,1 | 1,1 | 1,4 | 2,1 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 45,0 | 44,0 | 40,5 | 36,1 | 36,9 | 37,2 | 37,4 | 37,4 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,2 | 14,8 | 14,5 | 14,3 | 14,3 | 0,0 | 14,1 | 14,2 | 13,9 | 13,9 | 13,7 | 29,7 | 31,9 | 14,7 | 14,8 | 15,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,4 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,2 | 55,5 | 44,0 | 17,4 | -0,1 | -1,0 | 0,3 | -16,6 | -29,3 | -24,3 | -10,4 | -10,5 | -15,6 | -12,8 | -2,7 | 12,9 | 4,0 |
| Нақлиёт | 1,9 | -2,1 | 0,3 | 2,0 | 2,4 | 0,9 | 1,4 | 1,0 | -0,3 | -4,8 | -4,6 | -4,9 | -5,1 | -5,9 | -6,8 | -6,3 | 0,3 |
| Алоқа | 1,9 | -1,4 | -1,3 | -1,3 | -1,3 | 7,5 | 7,5 | 7,5 | 7,6 | 7,6 | 3,3 | 2,8 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 0,5 | 3,6 | 3,6 | 1,7 | 0,6 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,3 | 1,5 | 4,1 | 4,0 | 4,0 | 4,0 | 4,1 | 4,1 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,5 | 3,7 | 3,7 | 2,8 | 3,7 | -1,8 | -3,0 | -3,1 | -2,2 | -0,1 | -0,1 | 0,3 | 3,7 | 4,9 | 4,9 | 4,9 | 0,0 |
| Маишӣ | 2,1 | 6,6 | 9,9 | 8,9 | 7,0 | 6,4 | 2,6 | 3,8 | 5,2 | 9,8 | 9,0 | 8,3 | 8,3 | 9,1 | 8,8 | 8,9 | 0,3 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо